بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

**Қисми Марказии Ахборот**

﴿وَعَدَ ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ مِنكُمۡ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ لَيَسۡتَخۡلِفَنَّهُمۡ فِي ٱلۡأَرۡضِ كَمَا ٱسۡتَخۡلَفَ ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِهِمۡ وَلَيُمَكِّنَنَّ لَهُمۡ دِينَهُمُ ٱلَّذِي ٱرۡتَضَىٰ لَهُمۡ وَلَيُبَدِّلَنَّهُم مِّنۢ بَعۡدِ خَوۡفِهِمۡ أَمۡنٗاۚ يَعۡبُدُونَنِي لَا يُشۡرِكُونَ بِي شَيۡـٔٗاۚ وَمَن كَفَرَ بَعۡدَ ذَٰلِكَ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡفَٰسِقُونَ﴾

حزب التحرير HIZB UT TAHRIR

**Рақами чопӣ: 027 1440х** **22/03/2019** **Ҷумъа 15 раҷаб 1440х**


Баёноти матбуотӣ

# Давлати Хилофат Туркистони шарқӣ ва мусулмонони Уйғурро аз зулми Чин халос хоҳад кард

Роҳбарони муҷрими Чин, ба бепарво гузоштани роҳбарони мусалмон, ки фиреб хӯрда мусалмонони уйғурро аз ёд баровардаанд, аз ҳад гузаштанд. Ин ҳокимон бар ивази ёрдам ба мусулмонони уйғур, долларро беҳтар донистанд. Онҳо ба ҷиноятҳои ваҳшиёнаи аскарони Чин чашм пӯшида, худро кар ва кӯр карда нишон медиҳанд. Маъмурони Чин, дини Исломро, ки қисми ногусастаи уйғурон аст, барои ҷудо кардан аз ҳар навъи тазйиқ ва фишорҳо истифода менамоянд. Аммо ин, кӯшиши онҳо беҳуда аст. Зеро, аҷдодони Уйғур аз охирҳои асри якуми ҳиҷрӣ бо нури Ислом мушарраф шуда, ақидаи Исломро қабул кардаанд ва ин дин дар умқи дилҳои онҳо ҷой гирифтааст.

Ҳокимияти Хитой барои мусулмононро аз дин гардонидан, дарҳои масҷидҳоро қулф зада, онҳоро аз ибодати моҳи шарифи Рамазон бозмедоранд ва бар зидди ҳамаи шаклҳои тамоюли Ислом ҷанг эълон кардаанд. Ин зиддиятҳо то ҳадде расид, ки онҳо барои мусалмонон лагерҳои бузурги консентратсионӣ сохтанд. Дар ин лагерҳо зиёда аз як миллион мусулмонон дар зери шиканҷа нигоҳ дошта мешаванд. Ин ваҳшигариҳо дар доираи компанияҳо идора мешаванд.

Бинобар баёноти бардурӯғи ҳокимияти Чин мақсади ин компанияҳо таҳти шиорҳои “азнавтарбиякунӣ ва омӯзонидан” гӯё, ки “мубориза алайҳи терроризм” мебошад. Маъмурони Чин шахсиятҳои зиёӣ, олимон, муфаккирон ва устозони донишгоҳҳоро зиндонӣ карданд. Мақсад аз ҳамаи ин, паҳн кардани муҳити даҳшат ва дар қалби мусулмонон тарсро бедор карда, онҳоро маҷбуран сархам кунонидан мебошад. Инчунин онҳо мехоҳанд, ки мусалмононро заъиф ва ночиз карда нишон диҳанд, ҳол онки мусалмонон ба дини Бузурги Ислом мансуб ҳастанд.

Масалан бо гуфтаи маҷаллаи “Интеллект” Чин эълон кардааст, ки “Ислом бемории сирояткунанда буда, онро бо шиканҷа ва куштор бошад ҳам, бояд пешгирӣ карда шавад”. Ташкилоти Human Right Watch хабар додааст, ки Чин мусулмононро барои баргардонидан аз динашон шиканҷа ва фишор мекунад. Маъмурияти Чин даъво доранд, ки онҳо маҷбуранд бар зидди шарри сегона “терроризм”, “сепаратизм” ва “эстремизм” мубориза баранд. Дар ин бора Би – Би – Си хабар паҳн намуд. Дар зери чунин шиорҳои бардурӯғ Чин бар мусулмонон чораҳои золимонаро истифода бурда истодааст.

Дар ҳоле, ки ҳокимияти Чин ин шиканҷаҳоро ба роҳ мондааст, ҳокимони мусалмон байни худ забон як карда, бо ҷуз тамошо кардани ин ҳолат ба дигар кор фоидаашон намерасад, ки инро ҳар кас мушоҳида карда меояд. Масалан, Ҷонишини витсе-президенти Индонезия Юсуф Калан санаи 17 декабри соли 2018 чунин гуфтааст: “Ин ҳолат ба корҳои дохилии Чин тааллуқ дорад, мо ба ин муаммо дахолат карда наметавонем.” Долларҳое, ки ба Индонезия Малазия ва Покистон пешкаш карда шудааст, инчунин шартномаҳои савдои бо Хитой басташуда ҳокимони мусалмононро ба дараҷае овардааст, ки онҳо ба фармони Аллоҳ, ки он ҳам бошад ҳимоя кардани мусалмонони Туркистони Шарқӣ мебошад, итоат намекунанд. Мо итминон дорем, ки ин ҳокимони рувайбиза як қисми Уммати Исломӣ нестанд.

Пеш аз ҳама ҳокимони Чин бояд гузаштагони худро ба ёд оранд. Зеро, замоне аҷдодони Чин аз қасами сарлашкари муслим Қутайба ибни Муслим ҷои гурезе наёфта буданд. Қутайба ибни Муслим қасам хӯрда буд, ки замини Чинро ҳатман зер мекунад. Императори Чин аз ин дар ҳарос афтода ба назди Қутайба вазирон ва намояндагони худро фиристод, ки онҳо ба ӯ илтиҷокунон гуфтанд: “Чизе, ки хоҳед медиҳем, чӣ қадаре, ки хоҳед ҷизя мепардозем, фақат, ки шумо замини моро ишғол накунед.” Он гоҳ Қутайба ба онҳо гуфта буд: “Ман қасам ёд кардаам, ки замини Хитойро зер мекунам.” Онҳо гуфтанд: “Мо барои шуморо аз ин қасам озод кардан кӯмак менамоем.” Сипас онҳо баргашта рафтанд, ва аз замини Хитой хок оварда ба назди пои Қутайба рехтанд. Қутайба хоки замини Хитойро зер карда аз онҳо ҷизя гирифт. Минбаъд Чин андози ҷизяро дар ҳолати хорӣ пардохт менамуд.

Мусулмонон ба ин зулм ва беадолатӣ сукут карда, дар хоби ғафлат намемонанд. Анқариб бо изни Аллоҳ Хилофати бар асоси минҳоҷи Пайғамбарӣ барқарор карда мешавад ва ба мусулмонони Туркистони Шарқӣ кӯмак мерасонад, онҳоро аз зери зулму асорат озод мекунад ва аз касоне, ки ба онҳо зулм кардаанд ҳисобот мегирад. Расули Аллоҳ (С.А.С) фармуданд: **“Имом ба мисли сипар аст, дар паси он ҷанг карда ва бо он ҳимоя карда мешавад”.**

Он замон на Чин ва на дигаре ҷуръат пайдо намекунад, то ба мусалмон зараре расонад. Зеро онҳо ба ҳар як зулм ду баробар қасос гирифта шуданашро хуб медонанд.

**Аллоҳ Қудратманд, Азиз ва Ғолиб аст.**

**Мудири маркази иттилоотии Ҳизби Таҳрир.**

**Доктор Усмон Баххош.**


**Tel\Fax.:** 009611307594 **Mobile:** 0096171724043

**E-mail:** media@hizb-ut-tahrir.info

**Hizb ut Tahrir Official Website**
www.hizb-ut-tahrir.org
**Hizb ut Tahrir Central Media Office Website**
www.hizb-ut-tahrir.info